**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**14-уми декабри соли 2024 № 93 ш. Душанбе**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ– д.и.и., профессор Шамсов И.С., тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, такризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич ва доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, дотсенти кафедаи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Яқубзода Маъруф Садруддин, баромади мутахассисон аз рӯйи тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Улуғхоҷаева Хосиятхон Рауфовна, д.и.и. Шарифзода Баҳром Маҳмуд, д.и.и., профессор Умаров Хоҷамаҳмад ва д.и.и., профессор Султонов Зубайдулло илова гардид.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршуда вобаста ба диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намоянд ва Исматов Абдулҳафиз Фазлидиновичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сарфароз намоянд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - нест, Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани ҷаласаи шуро ҳаст. Нест!

Иҷозат диҳед диссертантро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шурои диссертатсионӣ барои кори пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**узви вобостаи АМИТ, д.и.и.,**
**профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шуро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**14.12.2024**